# К О Н В Е Н С И Я

**байни**
**Ҷумҳурии Австрия**
**ва**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**оид ба**

**канорагирӣ аз андозбандии**
**дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ**
**аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя**

Ҷумҳурии Австрия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҳиши густариш ва таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ , илмию техникӣ ва фарҳангии байни ҳарду Давлатҳо қарор доданд, ки Конвенсияи мазкурро ба имзо расонида, ба мувофиқати зерин расиданд:

## Моддаи 1

## Ашхосе, ки нисбати онҳо ин Конвенсия истифода бурда мешавад

Конвенсияи мазкур нисбати он шахсоне истифода бурда мешавад, ки резиденти як ё ҳарду Давлати Аҳдкунанда мебошанд.

## Моддаи 2

## Андозҳое, ки нисбати онҳо Конвенсия татбиқ мегардад

1. Конвенсияи мазкур нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармояе, ки аз номи яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда ё воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ , сарфи назар аз шакли ситонидани онҳо,ситонида мешаванд, татбиқ карда мешавад.

2. Андозҳо аз даромад ҳамаи андозҳое ҳисобида мешаванд, ки аз маблаѓи умумии даромад, маблаѓи умумии сармоя ё аз қисмҳои алоҳидаи ин унсурҳо, аз Ҷумла андоз аз даромади бегона кардани амволи манқул ва ѓайриманқул, андозҳо аз маблаѓи умумии музди меҳнат ва подош, ки корхонаҳо мепардозанд, инчунин андозҳои даромад аз болоравии арзиши сармоя ситонида мешаванд.

3. Ба андозҳои амалкунандае, ки амали Конвенсия татбиқ мегардад, аз Ҷумла инҳо мансубанд:

a) дар Австрия:
(i) андози даромад;
(ii) андози корпоративӣ ;
(iii) андози замин;
(iv) андоз аз корхонаҳои кишоварзӣ васоҳаи Ҷангал;
(v) андоз аз арзиши қитъаҳои азхуднашудаи сохтмонӣ
(ки минбаьд андозҳои Австрия номида мешаванд);

b) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:
(i) андози даромад аз шахсони воқеӣ (андоз аз даромади шахсони воқеӣ );
(ii) андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ;
(iii) андоз аз амволи ѓайриманқул
(ки минбаъд "андозҳои ТоҶикистон" номида мешаванд).

4. Конвенсия ҳамчунин нисбати ҳама гуна андозҳои ба ин монанд ва аз рўи хислаташон якхелае, ки баъди санаи ба имзо расидани Конвенсияи

мазкур ба илоаи андозҳои мавҶуда ё ки бар ивази онҳо ситонида мешаванд, мавриди татбиқ қарор мегирад. Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда якдигарро аз ҳар гуна тағйироти назаррасе, ки ба қонунгузории андози онҳо ворид карда мешаванд, огоҳ месозанд.

## Моддаи 3

## Мафҳумҳои умумӣ

1. Барои мақсадҳои Конвенсияии мазкур ба Ҷуз дар мавриде, ки матн маънои дигареро надиҳад:

a) истилоҳи “Давлати Аҳдкунанда” ва "Давлати дигари “Аҳдкунанда” вобаста ба матн маънои Австрия ё Тоҷикистонро дорад;

b) истилоҳи “Австрия” маънои Ҷумҳурии Австрияро дорад;

c) истилоҳи “Тоҷикистон” маънои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳангоми истифодабарӣ ба маънои Ҷуѓрофӣ қаламрав, обҳои дохилӣ , фазои онро дорад, ки Ҷумҳурии ТоҶикистон дар он метавонад ҳуқуқҳои мустақил ва доираи ҳуқуқҳо, аз Ҷумла ҳуқуқи истифодаи қаъри замин ва захираҳои табииро мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ намояд ва дар он қонунгузории Ҷумҳурии ТоҶикистон амал мекунад;

d) истилоҳи “шахс” маънои шахси воқеӣ , ширкат ва ҳар кадом дигар иттиҳодияи шахсонро дорад;

e) истилоҳи “ширкат” маънои ҳама гуна муассисаи корпоративӣ ё ҳар гуна иттиҳодро дорад, ки барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун муассисаи корпоративӣ дониста мешавад;

f) истилоҳи “корхона” нисбати амалӣ гардонидани ҳама гунна фаъолияти соҳибкорӣ истифода мегардад;

g) мафҳумҳои “корхонаи Давлати Аҳдкунанда” ва “корхонаи Давлати дигари Аҳдкунанда» мутобиқан маънои корхонае, ки резиденти як Давлати Аҳдкунанда идора менамояд ва корхонаеро дорад, ки резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда идора мекунад;

h) истилоҳи “ҳамлу нақли байналхалқӣ ” маънои ҳама гуна боркашониҳоро тавассути киштӣ ё тайёра дорад, ки корхонае истифода мебарад, ки маҳалли идоракунии аслии он Давлати Аҳдкунанда мебошад,

ба ѓайр аз он ҳолатҳое, ки киштӣ ё тайёра танҳо байни маҳалҳои дар қаламрави Давлати дигари Аҳдкунанда қарордошта истифода мегардад;

i) истилоҳи “шахси миллӣ ” маънои:

(i) ҳар шахси воқеие, ки шаҳрвандии Давлати Аҳдкунандаро дорад;

(ii) ҳар шахси ҳуқуқӣ , ширкат ё ассотсиятсияро дорад, ки мувофиқи қонунгузории Ҷории Давлати Аҳдкунанда ин мақоми худро гирифтааст;

j) истилоҳи “мақомоти салоҳиятдор”:
(i) дар мавриди Австрия – Вазири федералии молия ё намояндаи ваколатдори он;

(ii) дар мавриди ТоҶикистон – маънои Вазорати молия ва ё намояндаи ваколатдори онро дорад;

k) истилоҳи “фаъолияти соҳибкорӣ ” хизматрасонии касбӣ ва анҶоми фаъолияти дигари дорои хусусияти мустақилро дар бар мегирад.

2. Дар ҳар мавриди истифодаи Конвенсияи мазкур аз Ҷониби Давлати Аҳдкунанда, ҳар истилоҳе, ки дар он муайян нашудааст, агар дар ин матн мазмуни дигар нагирад, бояд ҳамон мазмунро дошта бошад, ки қонунгузории ҳамин Давлат нисбати андозҳое муқаррар намудааст, ки ин Конвенсия нисбати онҳо татбиқ мешавад. Ҳар маъно тибқи қонунгузории андози ҳамин Давлат нисбат ба маънои ҳамин истилоҳ дар дигар соҳаҳои қонунгузории ҳамин Давлат бартарӣ дорад.

## Моддаи 4

## Резидент

1. Барои мақсадҳои Конвенсияи мазкур истилоҳи "резиденти Давлати Аҳдкунанда" маънои ҳар шахсеро дорад, ки мувофиқи қонунгузории ин Давлат дар он дар асоси маҳалли истиқомат, маҳалли доимии буду бош, маҳалли идоракунӣ , маҳалли Ҷойгиршавии мақоми роҳбарикунанда ё дигар меъёрҳои ҳамин хусусиятро дошта бояд мавриди андозбандӣ қарор гирад, инчунин ин Давлат ва ҳар воҳиди маъмурию ҳудудӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимиятро дар бар мегирад. Вале ин истилоҳ ҳар шахсеро, ки бояд дар ин Давлат танҳо аз рӯи даромад аз манбаъҳои дар ин Давлат ба даст овардааш ё аз рӯи сармояи дар он Давлат доштааш андозбандӣ гардад, дар бар намегирад.

2. Дар ҳолате, ки мувофиқи муқаррароти банди 1 ин модда шахси воқеӣ  резиденти ҳарду Давлати Аҳдкунанда бошад, мақоми вай ба тариқи зайл муайян карда мешавад:

а) шахс резиденти танҳо ҳамон Давлате ҳисобида мешавад, ки дар он маҳалли истиқомати доимӣ  дорад; агар вай дар ҳарду Давлат маҳалли истиқомати доимӣ  дошта бошад, пас вай резиденти ҳамон Давлате дониста мешавад, ки ӯ дар он Ҷо робитаҳои нисбатан зичи шахсӣ  ва иқтисодӣ  (маркази манфиати ҳаётӣ ) дошта бошад;

b) агар Давлатеро, ки шахс дар он маркази манфиати ҳаётӣ  дорад, муайян кардан ғайриимкон бошад, ё ки вай дар хеҶ яке аз ин Давлатҳо маҳалли истиқомати доимӣ  ва барояш дастрас надошта бошад, пас вай резиденти ҳамон Давлате ҳисобида мешавад, ки одатан дар он истиқомат мекунад;

c) агар вай маъмулан дар ҳарду Давлат истиқомат кунад, ё ки дар хеҶ яке аз ин Давлатҳо истиқомат накунад, он гоҳ ӯ резиденти ҳамон Давлате ҳисобида мешавад, ки шахси миллии он мебошад;

d) агар вай шахси миллии ҳарду Давлат бошад, ё шахси миллии хеҶ яке аз онҳо набошад, он гоҳ мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда кӯшиш мекунанд, ки масъаларо бо розигии ҳамдигар ҳал намоянд.

3. Агар шахс тибқи муқаррароти банди 1 ин модда шахси воқеӣ набуда, резиденти ҳарду Давлати Аҳдкунанда бошад, пас вай танҳо резиденти ҳамон Давлате ҳисобида мешавад, ки мақоми воқеии идоракунии он дар он Ҷо қарор дорад.

## Моддаи 5

## Муассисаи доимӣ

1. Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур истилоҳи «муассисаи доимӣ » маънои маҳалли доимии фаъолиятро дорад, ки тавассути он фаъолияти соҳибкории корхона пурра ё қисман ба амал бароварда мешавад.

2. Истилоҳи "муассисаи доимӣ " аз Ҷумла инҳоро дар бар мегирад:

а) маҳалли идоракунӣ ;

b) шӯъба;

c) идора;

d) фабрика;

e) устохона;

f) кон, чоҳи нафт ё газ, кон ё маҳалли дигари истиҳроҶи захираҳои табиӣ .

3. Майдончаи сохтмонӣ ё объекти насб ё васлшаванда танҳо дар он ҳолат намояндагии доимиро ташаккул медиҳанд, ки бештар аз 12 моҳ вуҶуд дошта бошанд.

4. Сарфи назар аз муқаррароти қаблии ин модда истилоҳи «муассисаи доимӣ » ҳамчун дарбаргирандаи инҳо баррасӣ намегардад:

a) истифодабарии иншоот танҳо ба мақсади нигоҳдорӣ , намоиш ё содироти мол ё маснуоти ба корхона тааллуқдошта;

b) нигоҳдории захираҳои мол ё маснуоти ба корхона тааллуқдошта танҳо ба мақсади нигоҳдорӣ , намоиш ё содирот;

c) нигоҳдории захираҳои мол ё маснуоти ба корхона тааллуқдошта танҳо бо мақсади коркарди онҳо аз тарафи дигар корхона;

d) нигоҳдории маҳалли фаъолияти доимӣ танҳо ба мақсади хариди мол ё маснуот ва ё Ҷамъоварии маълумот барои корхона;

e) нигоҳдории маҳалли фаъолияти доимӣ танҳо бо мақсади амалӣ сохтани ҳар фаъолияти дигари хислати тадорукот ё кӯмакрасонӣ дошта барои ҳамин корхона;

f) нигоҳдории маҳалли фаъолияти доимӣ танҳо барои амалӣ намудани ҳар комбинатсияи намудҳои фаъолияти дар зербандҳои аз a) то e) номбаршуда, ба шарте ки маҶмӯи фаъолияти маҳалли фаъолияти доимӣ , ки дар натиҶаи чунин комбинатсия ба миён омадааст, хусусияти тадорукотӣ ё кӯмакрасон дошта бошад.

5. Сарфи назар аз муқаррароти бандҳои 1 ва 2, агар шахси дигар – на агенти ҳуқуқи мустақилонадошта, ки нисбати вай дар банди 6 ҳамин модда гуфта мешавад, аз номи корхона амал карда, дар Давлати Аҳдкунанда ваколати бастани қарордодҳоро аз номи корхона дошта бошад, пас корхонаи мазкур нисбати ҳама гуна фаъолияте, ки ин шахс барои корхона анҶом медиҳад, ба истисноии ҳолатҳое, ки агар фаъолияти

чунин шахс бо фаъолияти дар банди 4 зикргардида маҳдуд карда шуда бошад, ва ин фаъолият агар таввасути маҳалли фаъолияти доимӣ амалӣ гардад ҳам, вале мувофиқи муқаррароти ин банд ин маҳалли фаъолияти доимиро ба муассисаи доимӣ табдил насозад, ҳамчун корхонаи дорои муассисаи доимӣ дар ҳамин Давлат дониста мешавад.

6. Корхонаи Давлати Аҳдкунанда ҳамчун корхонаи дорои муассисаи доимӣ дар Давлати дигари Аҳдкунанда танҳо ба он хотир ҳисобида намешавад, ки вай фаъолияти соҳибкориро дар ҳамин Давлат таввассути брокер, агенти комиссионӣ ё агенти дигари мақоми мустақилдошта анҷом медиҳад, ба шарте ки чунин ашхос дар доираи фаъолияти маъмулии соҳибкории худ амал кунанд.

7. Далели он, ки ширкате, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда буда, ширкати резиденти Давлати дигари Аҳдкунандаро назорат мекунад ё таҳти назорати он қарор мегирад ё ки фаъолияти соҳибкориро дар ҳамон Давлати дигар (таввасути муассисаи доимӣ ё ба тариқи дигар) амалӣ месозад, яке аз ин ширкатҳоро ба муассисаи доимии ширкати дигар табдил намедиҳад.

## Моддаи 6

## Даромад аз амволи ғайриманқул

1. Даромади бадастовардаи резиденти Давлатҳои Аҳдкунанда аз амволи ғайриманқул (аз ҷумла даромад аз кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал), ки дар Давлати дигари Аҳдкунанда қарор дорад, метавонад дар Давлати дигар мавриди андозбандӣ қарор гирад.

2. Истилоҳи "амволи ғайриманқул" ҳамон маъноеро дорад, ки мувофиқи қонунгузории Давлати Аҳдкунанда, ки амволи мавриди баррасӣ дар қаламрави он ҷойгир аст, дорад. Ин истилоҳ дар ҳама ҳолат амволи нисбати амволи ғайриманқул ёрирасон, чорво ва таҷҳизоти дар кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал истифодашаванда, ҳуқуқҳое, ки нисбати онҳо муқаррароти ҳуқуқи умумӣ дар мавриди моликияти замин истифода мешаванд, узуфрукти амволи ғайриманқул ва ҳуқуқ ба пардохтҳои тағйирёбанда ва танзимшавандаи ба сифати ҷубронпулӣ барои коркард ё ҳуқуқи коркарди захираҳои табиӣ , манъбаҳо ва дигар канданиҳои табиӣ пардохтшавандаро дар бар мегирад. Киштиҳои баҳрӣ ва тайёраҳо ба сифати амволи ғайриманқул дониста намешаванд.

3. Муқаррароти банди 1 ҳамчунин нисбати даромади аз истифодаи мустақими амволи ѓайриманқул, ба иҶора додан ё истифодаи амволи ѓайриманқул дар ҳар шакли дигар бадастомада татбиқ карда мешавад.

4. Муқаррароти бандҳои 1 ва 3 инчунин нисбат ба даромад аз амволи ѓайриманқули корхона татбиқ мегарданд.

## Моддаи 7

## Фоида аз фаъолияти тиҶоратӣ

1. Фоидаи корхонаи Давлати Аҳдкунанда танҳо дар ҳамин Давлат андозбандӣ мешавад, агар чунин корхона дар Давлати дигари Аҳдкунанда фаъолияти тиҶоратиро аз тариқи муассисаи доимии дар он Ҷо қарордошта амалӣ насозад. Агар корхона фаъолияти тиҶоратиро таври дар боло зикргардида амалӣ созад, фоидаи корхона метавонад дар Давлати дигар андозситонӣ шавад, лекин танҳо дар он қисмате, ки ба ин муассисаи доимӣ тааллуқ дорад.

2. Бо дарназардошти муқаррароти банди 3, агар корхонаи Давлати Аҳдкунанда фаъолияти тиҶоратиро дар Давлати дигари Аҳдкунанда аз тариқи муассисаи доимии дар он Ҷо қарордошта амалӣ созад, пас дар ҳар кадом Давлати Аҳдкунанда ба чунин муассисаи доимӣ фоидае мансуб мегардад, ки вай метавонист ба даст оварад, агар он корхонаи мустақил ё Ҷудогона буда, бо айнан ҳамон фаолият ё фаъолияти шабеҳ дар ҳамон хел шароит ё шароити шабеҳи он машѓул шуда, аз корхонае, ки муассисаи доимии он мебошад, комилан мустақилона амал мекард.

3. Ҳангоми муайян кардани фоидаи муассисаи доимӣ тарҳ кардани хароҶоти барои мақсадҳои муассисаи доимӣ сарфшуда, аз Ҷумла хароҶоти идоравӣ ва умумии маъмурӣ , сарфи назар аз он, ки ин хароҶот дар Давлати Аҳдкунандае, ки он Ҷо муассисаи доимӣ қарор дорад, сарф шудааст ё дар ҳар Ҷои дигар, иҶозат дода мешавад.

4. Агар дар Давлати Аҳдкунанда муайян намудани фоидаи мансуб ба муассисаи доимӣ дар асоси тақсимоти мутаносиби маблаѓи умумии фоидаи корхона байни сохторҳои гуногуни он таҶрибаи маъмулӣ бошад, пас ҳеҶ ҳолати дар банди 2 ҳамин модда буда ба Давлати Аҳдкунанда муайян намудани фоидаи андозбандишавандаро тавассути чунин тақсимоти маъмулӣ манъ намекунад; вале усули интихоб намудани тақсимот бояд натиҶаҳои мувофиқ ба принсипҳои дар ин модда Ҷойдоштаро диҳад.

5. ҲеҶ фоида танҳо дар асоси хариди мол ё маснуот аз тарафи муассисаи доимӣ барои корхона ба ин муассисаи доимӣ мансуб дониста намешавад.

6. Барои мақсадҳои бандҳои пешина фоидаи ба муассисаи доимӣ таалуқдошта ҳар сол бо як усул муқаррар карда мешавад, ба шарте ки барои тағйир додани ин тартиб ягон хел асоси эътимоднок ва кофӣ вуҶуд надошта бошад.

7. Агар фоида намудҳои даромади дар моддаҳои дигари ин Конвенсия ба таври Ҷудогона зикргардидаро дар бар гирад, пас муқаррароти моддаҳои мазкур ба муқаррароти ин модда дахолат намекунад.

## Моддаи 8

## Ҳамлу нақли байналмилалӣ

1. Фоида аз истифодаи киштиҳо ё тайёраҳо дар ҳамлу нақли байналмилалӣ танҳо дар ҳамон Давлати Аҳдкунанда андозбандӣ мешавад, ки маҳалли аслии идоракунии корхона дар он Ҷо қарор дорад.

2. Агар маҳалли идоракунии аслии корхонаи киштиронӣ дар киштӣ қарор дошта бошад, пас чунин ҳисоб меёбад, ки он дар ҳамон Давлати Аҳдкунанда қарор дорад, ки дар он бандари бақайдгирии киштӣ воқеъ аст ва дар сурати набудани чунин бандари бақайдгирӣ – дар ҳамон Давлати Аҳдкунандае, ки идоракунандаи киштӣ резиденти он мебошад.

3. Муқаррароти банди 1 ҳамин мода нисбати фоида аз иштирок дар пул, корхонаи муштарак ё ташкилоти байналмилалӣ оид ба истифодабарии воситаҳои нақлиёт мавриди истифода қарор мегирад.

## Моддаи 9

## Корхонаҳои муттаҳидкардашуда

1. Агар:

а) корхонаи Давлати Аҳдкунанда ба таври мустақим ё ғайримустақим дар идоракунӣ , назорат ва ё сармояи корхонаи Давлати дигари Аҳдкунанда ширкат намояд; ё

b) худи ҳамин ашхос ба таври мустақим ё ѓайримустақим дар идоракунӣ , назорат ё сармояи корхонаи як Давлати Аҳдкунанда ва корхонаи Давлати дигари Аҳдкунанда иштирок намоянд,

ва дар ҳар кадом ҳолат байни ду корхона дар муносибатҳои тиҶоратӣ ва молиявии онҳо шароит муҳайё ё муқаррар карда шавад, ки аз муносибатҳои дар байни ду корхонаи мустақил вуҶуддошта фарқ кунад, пас ҳар гуна фоидае, ки метавонист ба яке аз ин корхонаҳо ҳисоб карда шавад, вале бинобар мавҶуд будани чунин шароит гузаронида нашудааст, метавонад ба фоидаи корхонаи мазкур дохил карда шуда, мутобиқан мавриди андозбандӣ қарор дода шавад.

2. Агар як Давлати Аҳдкунанда фоидаеро, ки нисбати он корхонаи Давлати Аҳдкунандаи дигар барои он дар ҳамин Давлати дигар андозбандӣ шудааст, ба фоидаи корхонаи ҳамин Давлат дохил карда, мутобиқан андозбандӣ кунад, ва фоидаи бо ҳамин тариқ дохил кардашуда фоидае бошад, ки ба корхонаи Давлати аввал зикршуда ҳисоб шуда метавонист, агар шароити байни ин ду корхона муқарраршуда ҳамон тавре бошанд, ки байни ду корхонаи мустақил мавҶуданд, пас ин Давлати дигар ба маблаѓи андози дар он аз фоида гирифташуда тасҳеҳоти дахлдор ворид менамояд. Ҳангоми муайян кардани чунин тасҳеҳот ба таври бояду шояд дигар муқаррароти ин Созишнома ба инобат гирифта мешавад ва мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда дар ҳолатҳои зарурӣ бо ҳамдигар машварат мегузаронанд.

## Моддаи 10

## Дивидендҳо

1. Дивидендҳое, ки ширкати резиденти яке аз Давлати Аҳдкунанда ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда мепардозад, мумкин аст дар ҳамин дигар Давлат андозбандӣ шавад.

2. Вале чунин дивидендҳо мумкин аст инчунин дар он Давлати Аҳдкунанда андозбандӣ шаванд, ки резиденти он ширкате мебошад, ки дивидендҳоро мувофиқи қонунгузории ҳамин Давлат мепардозад, аммо агар соҳиби воқеии дивидендҳо резиденти Давлати Аҳдкунанда бошад, пас андози ситонидашаванда набояд зиёда аз

a) 5 маҶмўи маблаѓи дивидендҳо, агар соҳиби воқеӣ ширкате (на рафоқат) бошад, ки камаш 15% сармояи ширкати пардохткунандаи дивидендҳоро соҳиб бошад;

b) 10% маблаѓи умумии дивидендҳо дар ҳамаи ҳолатҳои боқимонда.

Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда бо мувофиқаи мутақобила усули истифодаи ин маҳдудиятро муқаррар менамоянд.
Ин банд ба андозбандии ширкат нисбат ба фоидае, ки аз он дивидендҳо пардохта мешаванд, дахолат надорад.

3. Истилоҳи "дивидендҳо" ҳангоми истифода дар ҳамин модда маънои даромад аз саҳмияҳо, саҳмияҳои «жуиссанс» ё ҳуқуқи «жуиссанс», саҳмияҳои саноати истихроҶи маъданҳои кӯҳӣ , саҳмияҳои муассисон ё дигар ҳуқуқҳо, ки ўҳдадории қарзии барои иштирок дар тақсимоти фоида ҳуқуқдиҳанда нестанд, инчунин даромад аз ҳуқуқҳои дигари корпоративиро дорад, ки ба монанди даромад аз саҳмияҳо тибқи қонунгузории ҳамон Давлате, ки ширкати тақсимкунандаи фоида резиденти он мебошад, бояд андозбандӣ гардад.

4. Муқаррароти бандҳои 1 ва 2 ҳамин модда дар мавридҳое истифода намешаванд, агар соҳиби воқеии дивидендҳо резиденти Давлати Аҳдкунанда буда, фаъолияти тиҶоратиро дар Давлати дигари Аҳдкунандае анҶом диҳад, ки дар он ширкате, ки дивиденд месупорад, ба воситаи муассисаи доимии дар он Ҷо қарордошта резидент мебошад ва холдинге, ки нисбати он дивиденд пардохта мешавад, воқеан ҳам бо муассисаи доимӣ алоқаманд бошад. Дар ин ҳолат муқаррароти моддаи 7 мавриди истифода қарор дода мешавад.

5. Агар ширкате, ки резиденти як Давлати Аҳдкунанда мебошад, дар Давлати дигари Аҳдкунанда фоида ё даромад ба даст оварад, ин Давлати дигари Аҳдкунанда наметавонад аз дивидендҳои ин ширкат пардозанда андоз ситонад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки чунин дивидендҳо ба резиденти ин Давлати дигари Аҳдкунанда падохта шаванд, ё ки агар холдинге, ки ба он дивидендҳо пардохта мешаванд, воқеан ҳам ба муассисаи доимии дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда қарордошта мансуб бошад, инчунин аз даромади тақсимнашудаи ширкат андоз ситонида наметавонад, ҳатто агар дивидендҳои пардохташаванда ё фоидаи тақсимнашуда пурра ё қисман аз даромад ё фоидаи дар ҳамин Давлати Аҳдкунанда бадастомада иборат бошад.

## Моддаи 11

## Фоизҳо

1. Фоизҳое, ки дар яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда ба амал омада, ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда пардохта мешаванд, танҳо дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ карда мешаванд.

2. Аммо чунин фоизҳо метавонанд инчунин дар Давлати Аҳдкунандае, ки дар он ҳосил шудаанд, мувофиқи қонунгузории ҳамин Давлат андозбандӣ шаванд, вале агар соҳиби воқеии ин фоизҳо резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда бошад, пас андози дар чунин ҳолат ситондашаванда набояд аз 8 фоизи маблағи умумии фоизҳо зиёдтар бошад.

Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда бо мувофиқаи мутақобила усули истифодаи ин маҳдудиятро муқаррар менамоянд.

3. Сарфи назар аз муқаррароти банди 2, фоизҳои мансуб ба банди 1 бояд танҳо дар ҳамон Давлати Аҳдкунандае андозбандӣ шаванд, ки резиденти он гиранда мебошад, агар чунин гиранда соҳиби воқеии фоизҳои ин Давлат бошад, инчунин:

a) ҳамин Давлат, ё бонки марказӣ , воҳиди маъмурию ҳудудӣ ё мақоми маҳаллии ҳокимияти он бошад;

b) агар фоизҳо аз тарафи Давлате, ки фоизҳо дар он ба миён омадаанд, ё воҳиди маъмурию ҳудудӣ , мақоми маҳаллии ҳокимият ё мақоми қонунгузорӣ пардохта шаванд;

c) агар қарз ё ӯҳдадории қарзӣ , ки аз рӯи он фоизҳо пардохта мешаванд, ба Давлат ё воҳиди маъмурию ҳудудӣ , мақоми маҳаллии ҳокимият ё муассисаи оид ба маблағгузории содиротӣ тааллуқ доранд ё аз Ҷониби онҳо ҳосил, таъмин, кафолат дода ё суғурта карда шудаанд;

d) ташкилоти молиявӣ бошад;

e) агар фоизҳо нисбати қарзе пардохта шаванд, ки дар натиҶаи ба насия фурӯхтани ҳар таҶҳизот, мол ё хизматрасонӣ ба миён омадааст.

4. Истилоҳи “фоизҳо” ҳангоми истифода дар ҳамин модда маънои даромад аз ҳар намуди ӯҳдадориҳои қарзӣ , сарфи назар аз таъминот бо ипотека ва ҳуқуқи иштирок дар фоидаи қарздор, аз Ҷумла даромад аз қоғазҳои қиматноки ҳукуматӣ ва вомбаргҳо ё ӯҳдадориҳои қарзӣ , аз Ҷумла мукофотҳо ва бурдҳои ин коғазҳои қиматнок, вомбаргҳо ё

ӯҳдадориҳои қарзиро дорад. Барои мақсадҳои ин модда Ҷаримаҳо барои сари вақт анҶом надодани пардохтҳо ба сифати фоизҳо баррасӣ карда намешаванд.

5. Муқаррароти бандҳои 1 ва 2 дар ҳолате истифода бурда намешавад, ки агар соҳиби воқеии фоизҳо резиденти яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда буда, фаъолияти тиҶоратиро дар Давлати дигари Аҳдкунандае анҶом диҳад, ки дар он фоизҳо тавассути муассисаи доимии дар он Ҷо қарордошта ташкил меёбанд, ва ӯҳдадориҳои қарзӣ , ки дар асоси онҳо фоизҳо пардохта мешаванд, ҳақиқатан ҳам ба чунин муассисаи доимӣ  тааллуқ дошта бошанд. Дар чунин маврид муқаррароти моддаи 7 мавриди истифода қарор мегиранд.

6. Чунин ҳисобида мешавад, ки фоизҳо дар Давлати Аҳдкунанда ҳамон вақт ташаккул меёбанд, ки агар пардохткунанда резиденти ҳамин Давлат бошад. Вале агар шахси пардозандаи фоизҳо, сарфи назар аз он ки вай резиденти Давлати Аҳдкунанда ҳаст ё не, дар Давлати Аҳдкунанда муассисаи доимӣ  дошта бошад ва вобаста ба ин қарзе пайдо шуда бошад, ки аз рӯи он фоизҳо пардохта мешаванд ва хароҶоти марбут ба пардохти ин фоизҳоро муассисаи доимӣ  анҶом диҳад, пас чунин шуморида мешавад, ки фоизҳо дар ҳамон Давлате ташкил ёфтаанд, ки он Ҷо муассисаи доимӣ  қарор дорад.

7. Агар дар ҳолати мавҶуд будани муносибатҳои махсус миёни пардохткунанда ва соҳиби воқеии фоизҳо, ё ки байни ҳардуи онҳо ва шахси дигари сеюм маблағи фоизҳои ба ӯҳдадориҳои қарзӣ таллуқдошта, ки дар асоси он пардохта мешавад, аз маблағе, ки миёни пардохткунанда ва соҳиби воқеии фоизҳо дар мавриди мавҶуд набудани ин муносибатҳо мумкин буд мувофиқ кунонида шавад, зиёд бошад, пас муқаррароти ҳамин модда танҳо дар мавриди маблағи дар охир қайдкардашуда истифода бурда мешавад. Дар чунин ҳолат қисми зиёдатии пардохт мутобиқи қонунгузории ҳар кадом Давлатҳои Аҳдкунанда бо дарназардошти дигар муқаррароти ин Конвенсия мавриди андозбандӣ  қарор мегирад.

## Моддаи 12

## Роялти

1. Роялтии дар яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда ташаккулёфта ва ба соҳиби воқеӣ , ки резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда мебошад, пардохташаванда метавонад дар ҳамин Давлати дигар мавриди андозбандӣ  қарор гирад.

2. Аммо, чунин роялти метавонад дар Давлати Аҳдкунанда, ки он ташаккул меёбад, тибқи қонунгузории ҳамин Давлат таҳти андозбандӣ қарор гирад, вале агар гирандаи роялти ва соҳиби воқеии роялти резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда бошад, пас андози бо чунин тариқ ситонидашаванда набояд аз 8 фоизи маблағи умумии роялти зиёдтар бошад.

3. Истилоҳи "роялти" ҳангоми истифода дар ин модда маънои ҳар намуди пардохтеро дорад, ки ба сифати подош барои истифода ё пешниҳоди ҳуқуқи истифода аз ҳар ҳуқуқи муаллифӣ барои осори бадеӣ , санъат ё илм, аз Ҷумла кинофилмҳо ва филмҳо ё сабтҳо барои радиошунавонӣ ва телевизион, ҳар гуна патентҳо, аломати тиҶоратӣ , дизайн ё модел, нақша, формула ё раванди махфӣ ё маълумоти вобаста ба таҶрибаи саноатӣ , тиҶоратӣ ё илмӣ гирифта шудааст.

4. Муқаррароти бандҳои 1 ва 2 ҳамин модда мавриди истифода қарор намегирад, агар соҳиби воқеии роялти резиденти як Давлати Аҳдкунанда буда, фаъолияти соҳибкориашро дар Давлати дигари Аҳдкунанда анҶом диҳад, ки он Ҷо роялти тавассути муассисаи доимии дар он қарордошта ташаккул меёбад, ва ҳуқуқ ё амволе, ки дар асоси онҳо роялти супорида мешавад, дар воқеъ бо муассисаи доимӣ алоқаманд бошанд. Дар чунин маврид вобаста ба ҳолат муқаррароти моддаи 7 мавриди истифода қарор мегиранд.

5. Чунин шуморида мешавад, ки роялти дар Давлати Аҳдкунанда ба миён меояд, агар пардохткунанда резиденти ҳамин Давлати Аҳдкунанда бошад. Вале, агар шахси пардохткунандаи роялти, новобаста аз он, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда ҳаст ё не, дар Давлати Аҳдкунанда муассисаи доимӣ ё пойгоҳи доимӣ дошта бошад, ки вобаста ба он зарурати пардохт кардани роялти пайдо шудааст, ва чунин роялти аз Ҷониби ин муассисаи доимӣ ё погоҳи доимӣ пардохта шаванд, он гоҳ чунин шуморида мешавад, ки чунин роялти дар ҳамон Давлате ба вуҶуд меояд, ки дар он Ҷо муассисаи доимӣ ё пойгоҳи доимӣ воқеъ аст.

6. Агар дар натиҶаи муносибатҳои мутақобилаи махсус миёни пардохткунанда ва соҳиби воқеии роялти, ё ки байни ҳардуи онҳо ва шахси дигари сеюм маблағи роялтии мансуб ба истифода, ҳуқуқ ё ки иттилоот, ки дар асоси онҳо пардохта мешавад, аз маблағе, ки миёни пардохткунанда ва соҳиби воқеии фоизҳо дар мавриди мавҶуд набудани ин муносибатҳо мумкин буд мувофиқ кунонида шавад, зиёд бошад, он гоҳ муқаррароти ин модда танҳо нисбати маблағи охир зикргардида мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар ин маврид қисми барзиёди пардохт бояд тибқи қонунгузории андози ҳар кадом Давлати Аҳдкунанда

бо дарназардошти ҳатмии дигар муқаррароти ин Конвенсия мавриди андозбандӣ қарор гирад.

## Моддаи 13

## Даромадҳо аз бегона кардани амвол

1. Даромади аз бегона кардани амволи ѓайриманқули дар моддаи 6 ҳамин Созишнома зикршуда метавонад дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда, ки чунин амвол дар он қарор дорад, андозбандӣ карда шавад.

2. Даромад аз бегона кардани амволи манқуле, ки қисми таркибии амволи тиҶоратии муассисаи доимиро ташкил медиҳад, ки корхонаи як Давлати Аҳдкунанда дар Давлати Аҳдкунандаи дигар дорад, аз Ҷумла даромад аз бегона кардани ҳамин муассисаи доимӣ (дар алоҳидагӣ ё якҶоя бо ҳамаи корхона) метавонад дар ҳамин Давлати дигар таҳти андозбандӣ қарор гирад.

3. Даромади бадастомада аз бегона кардани киштиҳои баҳрӣ ва тайёраҳои дар ҳамлу нақли байналмилалӣ истифодашаванда, ё амволи манқули марбут ба истифодаи чунин киштиҳои баҳрӣ ё тайёраҳо танҳо дар Давлати Аҳдкунандае андозбандӣ карда мешавад, ки дар он маҳалли воқеии идоракунии ин корхона Ҷойгир аст.

4. Даромад аз бегона кардани ҳар гуна амвол, ки дар бандҳои 1, 2 ва 3 зикр наёфтаанд, танҳо дар ҳамон Давлати Аҳдкунандае андозбандӣ карда мешавад, ки резиденти он шахси бегонакунандаи амвол мебошад.

## Моддаи 14

## Даромад аз кироякорӣ

1. Бо дарназардошти муқаррароти моддаҳои 15, 17, 18, 19 ва 20 маош, музди меҳнат, подош ва дигар подошҳои шабеҳ, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда дар робита бо кироякорӣ ба даст меорад, танҳо дар ҳамин Давлат андозбандӣ мешавад, агар чунин кироякорӣ дар Давлати Аҳдкунандаи дигар анҶом дода нашавад. Агар кироякорӣ ба ҳамин тариқ амалӣ гардад, подоши вобаста ба ин ба даст овардашуда танҳо дар ҳамин Давлати дигар андозбандӣ мегардад.

2. Сарфи назар аз муқаррароти банди 1 подоше, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда дар робита бо кироякорӣ дар Давлати дигари Аҳдкунанда ба даст овардааст, танҳо дар Давлати аввал зикршуда андозбандӣ мегардад, агар:

a) подошгиранда дар Давлати дигари Аҳдкунанда дар муддати як давра ё давраҳо, ки дар маҶмўъ дар ҳар давраи 12-моҳаи дар ҳамин соли молиявӣ оѓоз ё анҶомёбанда на бештар аз 183 шабонарўз аст, қарор дошта бошад; ва

b) подош аз тарафи кирокунанда ё аз номи кирокунандае, ки резиденти Давлати дигар намебошад, пардохта шавад; ва

c) хароҶоти марбут ба пардохти подошро намояндагии доимие, ки кироякунанда дар Давлати дигар дорад, ба зимма надошта бошад.

3. Сарфи назар аз муқаррароти пешинаи ҳамин модда подоши вобаста ба кироякорӣ дар киштӣ ё тайёрае, ки корхонаи Давлати Аҳдкунанда дар ҳамлу нақли байналмилалӣ истифода мекунад, метавонад танҳо дар ҳамин Давлати Аҳдкунанда андозбандӣ гардад, ки дар он маҳалли идоракунии воқеии ин корхона Ҷойгир аст.

## Моддаи 15

## Подоши директорон

Подоши директорон ва дигар пардохтҳои шабеҳ, ки резиденти як Давлати Аҳдкунанда ба сифати узви шўрои директорони ширкат, ки резиденти Давлати Аҳдкунандаи дигар мебошад, мегирад, метавонад дар ҳамин дигар Давлат андозбандӣ карда шавад.

## Моддаи 16

## Ҳунармандон ва варзишгарон

1. Сарфи назар аз муқаррароти моддаҳои 7 ва14, даромаде, ки резиденти яке аз Давлати Аҳдкунанда ба сифати корманди санъат, ба монанди ҳунарманди театр, кино, радио ё телевизион ва ё мусиқинавоз ё ба сифати варзишгар аз фаъолияти шахсӣ дар дигар Давлати Аҳдкунанда ба даст меоварад, метавонад дар ҳамон Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ карда шавад.

2. Агар даромад аз фаъолияти шахсии корманди санъат ё варзишгар ба ин сифат на ба худи корманди санъат ё варзишгар, балки ба шахси дигар ҳисоб карда шавад, пас ин даромад метавонад, сарфи назар аз муқаррароти моддаҳои 7 ва 14, дар ҳамон Давлати Аҳдкунандае андозбандӣ гардад, ки дар он Ҷо корманди санъат ва варзишгар фаъолият менамояд.

3. Муқаррароти бандҳои 1 ва 2 ҳамин мода набояд нисбати даромади дар Давлати Аҳдкунанда бадастовардаи ҳунармандон ё варзишгарон, агар сафар ба ин Давлат пурра ё ба таври афзалиятнок аз фондҳои Ҷамъиятии Давлати дигари Аҳдкунанда, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти он ё муаасисае, ки ба сифати муассисаи ѓайритиҶоратӣ эътироф гардидааст, маблаѓгузорӣ шавад, татбиқ гарданд. Дар ин даромад танҳо дар Давлати Аҳдкунандае андозбандӣ мешавад, ки шахс резиденти он мебошад.

## Моддаи 17

## Нафақапулӣ

Бо дарназардошти муқаррароти банди 2 моддаи 18, нафақа ва дигар подошҳои шабеҳ, ки барои собиқаи кироякорӣ ба резиденти Давлати Аҳдкунанда пардохта мешавад, танҳо дар ҳамон Давлат андозбандӣ мешавад.

## Моддаи 18

## Хизмати давлатӣ

1. a) Подош, музди меҳнат ва дигар мукофотпулиҳои шабеҳ, ба ѓайр аз нафақапулӣ , ки Давлати Аҳдкунанда ё воҳиди маъмурию ҳудудии он, ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ё мақоми қонунгузорӣ ба ҳар шахси воқеӣ барои хизмат ба ҳамин Давлат ё воҳиди он ё барои мақомоти ҳокимияти он мепардозад, танҳо дар ҳамин Давлат андозбандӣ мегардад.

b) Вале, чунин подош, музди меҳнат ва дигар мукофотпулиҳои шабеҳ танҳо дар Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ мешавад, агар ин хизмат дар ҳамин Давлати дигар анҶом дода шуда, шахси воқеӣ резиденти ҳамин Давлат бошад, ва ӯ:

(i) шахси миллии ҳамин Давлат бошад, ё

(ii) танҳо бо мақсади чунин хизмат резиденти ҳамин Давлат нашудааст.

2. a) Ҳама гуна нафақае, ки Давлати Аҳдкунанда ё воҳиди маъмурию ҳудудӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ё мақоми қонунгузории он ё аз фондҳои таъсисдодаи онҳо ба шахси воқеӣ барои хизмат, ки ба ҳамин Давлати Аҳдкунанда ё воҳд ё мақомоти ҳокимияти он мепардозад, танҳо дар ҳамин Давлати Аҳдкунанда андозбандӣ мегардад.

b) Вале чунин нафақа танҳо дар Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ мегардад, агар шахси воқеӣ резидент ё шахси миллии ҳамин Давлат бошад.

3. Муқаррароти моддаҳои 14, 15, 16 ва 17 нисбати подош, музди меҳнат ва дигар мукофотпулиҳои шабеҳ ва нафақа барои хизмат, ки барои иҶрои фаъолияти тиҶоратии Давлати Аҳдкунанда ё воҳиди маъмурию ҳудудӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимият ё мақоми қонунгузории он анҶом медиҳад, татбиқ мегардад.

**Моддаи 19**

**ДонишҶӯён**

1. Даромадҳои мегирифтаи донишҶӯ ё таҶрибаомӯзе, ки бевосита қабл аз омадан ба яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда мебошанд ё буданд ва дар Давлати аввал зикршуда танҳо ба мақсади гирифтани таҳсилот ё гузаштани таҶрибаомузӣ қарор доранд ва барои зист, таҳсилот ё гирифтани маълумот пешбинишуда дар ҳамин Давлат мавриди андозбандӣ намегиранд, ба шарте ки агар манбаъҳои ин пардохтҳо дар Давлати дигар бошанд.

2. Подоши дар Давлати дигари Аҳдкунанда дар давоми давра ё давраҳои дар маҶмӯъ дар соли молиявӣ аз 183 рӯз зиёд набуда гирифтаи донишҶӯ ё таҶрибаомӯз, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда ҳаст ё буд, дар ин Давлат андозбандӣ намегардад, агар кор бевосита бо тадқиқот ё таҳсили ӯ алоқаманд бошад.

## Моддаи 20

## Профессорон ва кормандони илмӣ

1. Шахси воқеие, ки бевосита қабл аз омадан ба Давлати дигари Аҳдкунанда резиденти Давлати Аҳдкунанда будааст ва дар Давлати дигари Аҳдкунанда бо даъвати ҳар донишгоҳ, коллеҶ, мактаб ё муассисаи шабеҳи таълимии шинохтаи Ҳукумати Давлати дигари Аҳдкунандаи қарор дорад, дар муддати давраи на зиёда аз 2 сол аз рӯзи аввали бо мақсади тадқиқот, омӯзиш ё таълим дар ин муассисаҳои таълимӣ  ба дигар Давлати Аҳдкунанда омаданаш аз пардохти андози даромад нисбати подоши марбут ба таҳсил ё тадқиқоташ озод карда мешавад.

2. Муқаррароти банди 1 набояд нисбати даромади аз фаъолияти илмию тадқиқотӣ  бадастомада татбиқ гардад, агар чунин фаъолияти илмию тадқиқотӣ  на ба манфиати давлат, балки барои фоидаи шахсии ягон шахси хусусӣ  ё ашхос анҶом ёбад.

## Моддаи 21

## Даромадҳои дигар

1. Намудҳои даромади резиденти Давлати Аҳдкунанда, сарфи назар аз манбаи пайдоиши онҳо, ки дар моддаҳои қаблии Конвенсияи мазкур зикр нагардидаанд, танҳо дар ҳамин Давлат андозбандӣ  мешаванд.

2. Муқаррароти банди 1 нисбати даромадҳои дигар, ба истисноӣ даромад аз амволи ѓайриманқули дар банди 2 моддаи 6 муайянгардида татбиқ намегардад, агар гирандаи чунин даромадҳо резиденти яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда буда, фаъолияти тиҶоратиро дар Давлати дигари Аҳдкунанда таввасути муассисаи доимии дар он Ҷо Ҷойгиршуда анҶом диҳад ва ҳуқуқ ё моликият, ки дар робита ба онҳо даромад гирифтааст, ҳақиқатан ҳам ба чунин муассисаи доимӣ  алоқаманд бошад. Дар чунин ҳолат муқаррароти моддаи 7 мавриди истифода қарор мегирад.

3. Даромаде, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда дар Давлати дигари Аҳдкунанда мутобиқи дархости ҳуқуқӣ  барои нигоҳдорӣ  ба даст овардааст, агар чунин даромад мутобиқи қонунгузории Давлати дигари Аҳдкунанда аз пардохти андоз озод бошад, дар Давлати аввал зикргардида андозбандӣ  намешавад.

## Моддаи 22

## Сармоя

1. Сармоя дар шакли амволи ѓайриманқул тавре дар Моддаи 6 муайян шудааст, ки ба резиденти Давлати Аҳдкунанда тааллуқ дошта, дар Давлати дигари Аҳдкунанда Ҷойгир аст, метавонад дар ҳамон Давлати дигари Аҳдкунанда мавриди андозбандӣ қарор гирад.

2. Сармоя дар шакли амволи манқул, ки қисми амволи тиҶоратии муассисаи доимиро ташкил мекунад, ки корхонаи як Давлати Аҳдкунанда дар Давлати дигари Аҳдкунанда дорад, метавонад дар ҳамон Давлати дигари Аҳдкунанда мавриди андозбандӣ қарор гирад.

3. Сармоя дар шакли воситаҳои баҳрӣ ва ҳавоии дар ҳамлу нақли байналмилалӣ истифодашаванда, инчунин дар шакли амволи манқули мансуб ба фаъолияти чунин киштию тайёраҳо танҳои дар ҳамон Давлати Аҳдкунанда андозбандӣ мешаванд, ки маҳалли идоракунии воқеии ин корхона дар он Ҷойгир аст.

4. Ҳамаи унсурҳои сармояи резиденти Давлати Аҳдкунанда танҳо дар ҳамин Давлат андозбандӣ мешаванд.

## Моддаи 23

## Усули бартараф кардани андозситонии дукарата

Андозбандии дукарата ба тариқи зайл бартараф карда мешавад:

1. Дар Австрия:

a) Агар резиденти Австрия даромад ба даст орад ё сармояеро соҳибӣ кунад, ки мутобиқи муқаррароти Конвенсияи мазкур метавонад дар ТоҶикистон андозбандӣ шавад, Австрия мутобиқи муқаррароти зербандҳои b) ва d) чунин даромад ё сармояро аз андозбандӣ озод мекунад.

b) Агар резиденти Австрия намудҳои даромадеро ба даст орад, ки мутобиқи муқаррароти моддаҳои 10, 11 ва 12метавонанд дар ТоҶикистон андозбандӣ шаванд, Австрия аз маблаѓи андоз аз даромади чунин резидент маблаѓи баробар ба маблаѓи андози дар ТоҶикистон пардохташударо тарҳ мекунад. Вале чунин тарҳкунӣ аз қисми андози то

тарҳкунӣ ҳисоб кардашудаи мансуб ба чунин намудҳои даромади дар ТоҶикистон ба даст овардашуда зиёдтар бошад.

c) Дивидендҳое, ки дар хусуси онҳо дар зербанди а) банди 2 Моддаи 10 зикр гардида, аз тарафи ширкати резиденти ТоҶикистон ба ширкате пардохта мешаванд, ки резиденти Австрия мебошад, мутобиқи муқаррароти қонунгузории дохилии Австрия, вале новобаста аз талаботи ҳадди ақали пешбининамудаи ин қонунгузорӣ , аз андозбандӣ дар Австрия озод карда мешаванд.

d) Агар мутобиқи ҳар муқаррароти Конвенсия даромади ба даст овардаи резиденти Австрия ё сармоя ба У тааллуқдошта аз андозбандӣ дар Австрия озод бошад, Австрия ба ҳар ҳол метавонад зимни ҳисоб кардани маблағи андози қисми боқимондаи даромад ё сармояи чунин резидент даромади аз андоз ё сармоя озодгардидаро ба инобат гирад.

e) Агар Тоҷикистон муқаррароти Конвенсияи мазкурро истифода намояд, муқаррароти зербанди а) нисбати даромаде, ки резиденти Австрия ба даст меорад ё сармояе, ки вай соҳибӣ мекунад, татбиқ намегардад, ва агар нисбати чунин даромад муқаррароти банди 2 Моддаи 10 ё 11-ро татбиқ намояд, пас чунин даромад ё сармоя аз андозбандӣ озод карда мешавад.

2. Дар Тоҷикистон:

a) Агар резиденти ТоҶикистон даромаде ба даст орад ё сармояеро соҳибӣ кунад, ки мутобиқи муқаррароти Конвенсияи мазкур метавонад дар Австрия андозбандӣ гардад, ТоҶикистон имконият медиҳад, ки:

(i) аз андози даромади ин резидент маблағи баробар ба андози даромади дар Австрия пардохташударо тарҳ кунад;

(ii) аз андози сармояи ин резидент баробар ба андози сармояи дар Австрия пардохташударо тарҳ кунад.

Ин тарҳкунӣ ба ҳар ҳол набояд аз қисми андози аз даромад ё аз сармояе, ки то тарҳкунии марбут ба даромад ё сармоя ҳисоб карда, метавонад дар Австрия вобаста ба шароит андозбандӣ шавад, зиёдтар бошад.

b) Агар мутобиқи ҳар муқаррароти Конвенсия даромади бадастоварда ё резиденти резиденти ТоҶикистон аз андоз дар ТоҶикистон озод бошад, ТоҶикистон ба ҳар ҳол метавонад зимни ҳисоб

кардани маблаѓи андози қисми боқимондаи даромад ё сармояи ин резидент даромад ё сармояи аз андоз озодгардидаро ба инобат гирад.

## Моддаи 24

## Маҳдуд накардани ҳуқуқҳо

1. Шахсони миллии як Давлати Аҳдкунанда дар Давлати дигари Аҳдкунанда нисбат ба андозсупориҳо ё ўҳдадориҳои вобаста ба он, ки тибқи ҳамин ҳолат барои шахсони миллии ин Давлати дигари Аҳдкунанда дар ҳамон шароити якхела, аз Ҷумла нисбати қароргоҳ фароҳам шудааст ё шуда метавонад, таҳти ҳама гуна андозсупориҳои вазнинтар ё ўҳдадориҳои вобаста ба он қарор намегиранд. Ин муқаррарот, сарфи назар аз муқаррароти моддаи 1, ҳамчунин нисбати шахсоне истифода мешавад, ки резидентони як ё ҳарду Давлатҳои Аҳдкунанда намебошанд.

2. Шахсони бешаҳрвандие, ки резидентони Давлати Аҳдкунанда мебошанд, нисбат ба андозсупориҳо ё ўҳдадориҳои вобаста ба он, ки барои шахсони миллии ин Давлат дар ҳамон шароити якхела, аз Ҷумла нисбати қароргоҳ фароҳам шудааст ё шуда метавонад, таҳти андозбандии дигар ё вазнинтар ё ўҳдадориҳои вобаста ба он қарор намегиранд.

3. Андозбандии муассисаи доимӣ , ки корхонаи яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда дар Давлати дигари Аҳдкунанда дорад, набояд дар Давлати дигари Аҳдкунанда нисбати андозбандии корхонаи ҳамин Давлати дигар, ки ба чунин навъи фаъолият машѓул аст, номусоидтар бошад. Ин муқаррарот набояд ҳамчун ўҳдадоркунандаи як Давлати Аҳдкунанда барои ба резидентони Давлати дигари Аҳдкунанда додани ҳар имтиёзҳои шахсӣ , тарҳкунӣ ё тахфифҳо барои мақсадҳои андозбандӣ дар асоси мақоми шаҳрвандӣ ё ўҳдадориҳои оилави онҳо, ки Давлат ба резидентони худ пешкаш менамояд, шарҳ дода шавад.

4. Ба истиснои ҳолатҳое, ки му қарраროти банди 1 Моддаи 9, банди 7 Моддаи 11 ё банди 6 Моддаи 12 истифода мешаванд, фоизҳо, роялти ва пардохтҳои дигаре, ки корхонаи як Давлати Аҳдкунанда ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда анҶом медиҳад, бояд бо мақсади муайян намудани фоидаи андозбандишавандаи чунин корхона ба тариқе мавриди тарҳкунӣ қарор гиранд, ки агар онҳо ба резиденти Давлати аввал зикршуда пардохта мешуданд. Бо ҳамин тартиб, ҳар гунна қарзҳои корхонаи як Давлати Аҳдкунанда ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда бояд бо мақсади муайян намудани сармояи андозбандишавандаи чунин корхона ба ҳамон шартҳое мавриди тарҳкунӣ

қарор гиранд, ки нисбати қарзи резиденти Давлати аввал зикргардида пешниҳод мешаванд.

5. Корхонаҳои яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда, ки сармояи онҳо пурра ё қисман ба як ё якчанд резидент марбутанд ё аз тарафи як ё якчанд резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда мустақим ё ѓайримустақим назорат карда мешаванд, дар Давлати аввал зикргардида нисбат ба андозбандӣ ё ўҳдадориҳои вобаста ба он, ки тибқи ҳамин ҳолат барои чунин корхонаи Давлати аввал зикргардида фароҳам шудааст, таҳти андозбандии дигар ё вазнинтар ё ўҳдадориҳои вобаста ба он қарор гиранд.

6. Сарфи назар аз муқаррароти Моддаи 2, муқаррароти Моддаи мазкур нисбати ҳар навъ ва намуди андозҳо истифода мешавад.

## Моддаи 25

## Расмиёти мувофиқаи тарафайн

1. Агар шахс чунин шуморад, ки амали як ё ҳарду Давлатҳои Аҳдкунанда боиси андозбандии он хилофи муқаррароти ҳамин Конвенсия шудаанд ё шуда метавонанд, ин шахс, сарфи назар аз воситаҳои ҳимоявии пешбининамудаи қонунгузирии миллии ин Давлатҳо, метавонад аризаи худро ба мақомоти салоҳиятдори ҳамон Давлати Аҳдкунандае, ки вай резиденти он мебошад, ва агар ҳолати вай таҳти амали банди 1 моддаи 24 қарор гирад, ба омақомоти салоҳиятдори он Давлати Аҳдкунандае пешкаш намояд, ки вай шахси миллии он мебошад. Ариза бояд дар мўҳлати се сол аз лаҳзаи огоҳиномаи аввал дар хусуси амале, ки боиси андозбандии хилофи муқаррароти ҳамин Конвенсия мегардад, пешниҳод карда шавад.

2. Мақоми салоҳиятдор, агар эътирозро асоснок ҳисобад, кўшиш ба харҶ медиҳад ва агар худаш мустақилона ба қарори қаноатбахш омада натавонад, масъаларо дар мувофиқа бо мақоми салоҳиятдори Давлати дигари Аҳдкунанда бо мақсади роҳ надодан ба андозсупории хилофи муқаррароти Конвенсияи мазкур ҳал кунад. Ҳама гуна мувофиқаи бадастомада, сарфи назар аз ҳар гуна маҳдудияти муввақатии дар қонунгузории дохилии Давлатҳои Аҳдкунанда Ҷойдошта, иҶро карда мешавад.

3. Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда кўшиш менамоянд, ки бо мувофиқаи мутақобила ҳама гуна мушкилот ё шубҳаҳоро, ки вобаста ба истифодаи муқаррароти Конвенсияи мазкур ба

миён меоянд, ҳал намоянд. Инчунин онҳо метавонанд дар ҳолатҳое, ки Конвенсияи мазкур пешбинӣ накардааст, бо мақсади бартараф намудани андозситонии дукарата бо ҳамдигар машварат намоянд.

4. Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда бо мақсади ба даст овардани мувофиқа дар ҳамдигарфаҳмӣ оид ба моҳияти бандҳои қаблӣ метавонанд бо ҳам робитаи мустақим дошта бошанд, аз Ҷумла комиссияҳои муштараке таъсис диҳанд, ки аъзои он худи мақомоти салоҳиятдор ё намояндагони худӣ буда метавонанд.

## Моддаи 26

## Табодули иттилоот

1. Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда иттилоотеро, ки барои татбиқи муқаррароти Конвенсияи мазкур ё маъмурикунонӣ ё истифодаи қонунгузории марбут ба ҳар навъ ва тавсифи андозҳои аз номи Давлати Аҳдкунанда ё воҳиди сиёсӣ ё мақоми маҳаллии ҳокимияти он ситонидашаванда ба таври пешгӯишаванда назаррасанд, ба ҳамон андозае, ки андозбандиҳо хилофи ҳамин Созишнома нестанд, мубодила хоҳанд кард. Мубодилаи иттилоот бо моддаҳои 1 ва 2 маҳдуд намегардад.

2. Ҳар гуна иттилооте, ки яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда мутобиқи банди 1ба даст меорад, ба монанди иттилооти дар доираи қонунгузории миллии ҳамин Давлат бадастомада махфӣ ҳисобида мешавад ва танҳо метавонад ба ҳамон ашхос ва мақомоти ҳокимият (аз Ҷумла судҳо ва мақомоти маьмурӣ ), ки ба арзёбӣ ё Ҷамъоварӣ , ситонидани иҶборӣ ё ҶустуҶӯи судӣ , ё баррасии аризаҳо оид ба андозҳои дар банди 1 ё моддаҳои қаблӣ баррасишуда машғуланд, ошкор карда шавад. Чунин ашхос ё мақомот ин иттилоотро метавонанд танҳо барои ҳамин мақсадҳо истифода намоянд. Онҳо ин иттилоотро метавонанд дар Ҷараёни мурофиаи судӣ ё ҳангоми қабули қарорҳои судӣ фош намоянд. Сарфи назар аз нукоти зикргардида, иттилооти бадастовардаи Давлати Аҳдкунанда метавонад ба мақсадҳои дигар истифода шавад, агар мутобиқи қонунгузории ҳарду Давлат чунин иттилоот ба чунин дигар мақсадҳои истифода шуда тавонад ва мақоми салоҳиятдори ҳокимияти Давлати пешкашнамудаи иттилоот барои чунин истифода иҶозат диҳад.

3. Ба ҳеҶ ваҶҳ муқаррароти банди 1 ва 2 набояд ҳамчун ӯҳдадоркунандаи ҳар яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда ба инҳо тафсир карда шавад:

a) чораҳои маъмурие гузаронанд, ки хилофи қонунҳо ё таҶрибаи маъмурии ин ё он Давлати Аҳдкунанда бошанд;

b) иттилоотеро пешниҳод намоянд, ки онро мувофиқи қонунгузорӣ ё дар Ҷараёни амалияи маъмулии маъмурии ин ё он Давлати Аҳдкунанда гирифтан мумкин нест;

c) иттилоотеро пешниҳод намоянд, ки метавонад ягон сирри савдо, соҳибкорӣ , саноатӣ , тиҶоратӣ ва касбӣ , ё раванди тиҶоратиро фош намояд ё иттилооте диҳад, ки ошкор сохтани он хилофи сиёсати давлат (ordre public) мебошад.

4. Агар иттилоот мутобиқи моддаи мазкур аз Ҷониби Давлати Аҳдкунанда талаб гардад, Давлати дигари Аҳдкунанда, ҳатто агар барои ин Давлати талабшуда ба даст овардани чунин иттилоот барои мақсадҳои андозбандӣ зарур набошад ҳам, Ҷиҳати Ҷамъоварии чунин иттилоот кӯшиш ба харҶ медиҳад. Ӯҳдадории дар Ҷумлаи пешин овардашуда ба маҳдудиятҳои дар банди 3 нишон додашуда равона гардидаанд, вале чунин маҳдудиятҳо ба ҳеҶ ваҶҳ набояд ҳамчун сарпечии Давлатии Аҳдкунанда аз пешкаш намудани иттилоот танҳо ба он хотир, ки ба ин иттилоот манфиати шахсӣ надорад, баррасӣ карда шавад.

5. Ба ҳеҶ ваҶҳ муқаррароти банди 3 ҳамчун саркашии Давлати Аҳдкунанда барои пешкаш намудани иттилоот танҳо барои он, ки соҳиби иттилоот бонк, муассисаи дигари молиявӣ , нимзад ё шахси дар агентӣ ё ба сифати кафил амалкунанда ё бмнобар он, ки мансуб ба манфиатҳои хусусии он мебошад, баррасӣ карда намешавад.

## Моддаи 27

## Кормандони миссияҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ

ҲеҶ яке аз муқаррароти Конвенсияи мазкур ба имтиёзҳои андозии агентони дипломатӣ ё кормандони консулӣ , ки ба онҳо тибқи меъёрҳои умумии хуқуқҳои байналмилалӣ ё муқаррароти созишномаҳои махсус фароҳам оварда шудаанд, дахолат намекунад.

## Моддаи 28

## Эътибор пайдо кардан

1. Конвенсияи мазкур бояд тасвиб гарда два мубодилаи тасвибномаҳо дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин анҶом дода хоҳад шуд.

2. Конвенсия бояд дар рӯзи авали моҳи сеюми пас аз мубодилаи тасвибномаҳо эътибор кунад ва муқаррароти он нисбати нисбати андозҳо бояд барои ҳар соли молиявие, ки пас аз 31 декабри соли тақвимии мубодилаи тасвибномаҳо фаро мерасад, эътибор пайдо намояд.

## Моддаи 29

## Қатъи амал

Конвенсияи мазкур то замоне эътибор дорад, ки агар яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда амали онро қатъ насозад. Ҳар яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда метавонад амали Конвенсияи мазкурро бо гузашти 5 сол аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани Конвенсияи мазкур бо усули тавассути роҳҳои дипломатӣ ирсол намудани огоҳинома дар бобати бекор кардани амали он сиюм ё пас аз 30 июни соли тақвимӣ қатъ намояд. Дар чунин ҳолат Конвенсия нисбати андозҳо барои ҳар соли андозбандишавандае, ки баъди 31 декабри соли тақвимии ирсоли огоҳинома фаро мерасад, қатъ мегардад.

Барои тасдиқи ҳамин, намояндагони ҳарду Давлатҳои Аҳдкунанда, ки барои ин ваколат доранд, Конвенсияи мазкурро ба имзо расониданд.

Конвенсия ˝7˝ июни соли 2011 дар шаҳри Вена бо забонҳои тоҷикӣ , немисӣ ва англисӣ , ки эътибори баробари ҳуқуқӣ доранд, ба имзо расидааст. Дар сурати ихтилофи назар ҳангоми Ҷой доштани фарқият миёни матнҳо, ба матни англисӣ афзалият дода мешавад.

| **Аз ҷониби Ҷумхурии Австрия** | **Аз Ҷониби Ҷумхурии Тоҷикистон** |
|---|---|
| Andreas Schieder m.p. | Safarali Najmuddinov m.p. |

# П Р О Т О К О Л

Ҳангоми ба имзо расонидани Конвенсия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя, ки байни Ҷумҳурии Австрия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст, шахсони дар зер имзокарда ба мувофиқа расиданд, ки муқаррароти зерин қисми таркибии Конвенсия мебошанд:

1. Дар мавриди банди 3 Моддаи 16

Дар назар дошта мешавад, ки банди 3 ҳамчунин нисбати шахсони ҳуқуқии мансуб ба оркестрҳо, театрҳо, гурӯҳҳои балетӣ, инчунин барои созмонҳои шабеҳи фарҳангӣ – шахсони ҳуқуқие, ки дар дурнамои дарозмуддат асосан ташкилотҳои ѓайритиҷоратии эътирофнамудаи мақоми салоҳиятдори ҳокимияти Давлати буду бош мебошанд, татбиқ мегардад.

2. Дар мавриди банди 3 Моддаи 21

a) Барои мақсадҳои банди 3 чунин мукофотпулӣ ҳамчунин пардохтҳоро барои зиёни дар натиҷаи ҷиноят, эмкунӣ ё сабабҳои ба ин монанд расонидашуда дар бар мегирад;

b) Даромади дар банди мазкур зикргардида ҳангоми озодкунӣ бо усули ба тадриҷ афзоянда (прогрессивӣ) набояд ба инобат гирифта шавад.

3. Дар мавриди Моддаи 26

(i) Мақоми салоҳиятдори ҳокимияти Давлати арзкунанда, дар сурати розӣ шудан барои пешкаш намудани иттилооти дархостшуда мутобиқи Конвенсия, бо дарназардошти муҳимияти иттилооти дархостшуда, ба мақоми салоҳиятдори Давлати дархосткунанда иттилооти зеринро пешкаш менамояд:

a) дар бораи шахсияти шахси таҳти истинтоқ ё тафтиш қарордошта;

b) ариза дар бораи иттилооти дархостшуда, аз он ҷумла хусусият ва шакле, ки Давлати дархосткунанда мехоҳад иттилоотро аз Давлати дархостшуда гирад;

c) дар бораи мақсади андозбандие, ки барои он иттилоот дархост шудааст;

d) сабабҳо барои асосноккунии он, ки иттилооти дархостшуда дар Давлати дархостшуда ё дар ихтиёр ва ё таҳти назорати шахсе қарор дорад, ки дар доираи ҳуқуқи Давлати дархостшуда мебошад;

e) ном ва суроғаи ҳар шахси гумоншуда бояд дар иттилооти дархостшуда дарҷ гардад;

f) асосноккунӣ дар хусуси он, ки Давлати дархосткунанда барои ба даст овардани иттилоот дар қаламрави худ ба воситаҳои барояш дастрас, ба истиснои он воситаҳое, ки боиси мушкилоти номутаносиб мегарданд, чорабиниҳо мегузаронад.

(ii) Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки мубодилаи иттилооти дар моддаи 26 зикргардида чораҳоеро, ки дар «Экспедитсияи моҳидорӣ» пешбинӣ шудаанд, дар бар намегирад.

(iii) Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки банди 5 моддаи 26 бояд ҳамчун ӯҳдадоркунандаи Давлати Аҳдкунанда барои мубодилаи иттилоот на дар асоси ихтиёрӣ ё беихтиёрӣ фаҳмида шавад.

(1V) Ин ҷо дар назар дошта мешавад, ки барои шарҳи моддаи 26 илова ба усулҳои фавқуззикр ҳамчунин усулҳое баррасӣ мешаванд, ки дар Эзоҳи ОЭСР муқаррар шудаанд.

4. Шарҳи муқаррароти Конвенсия

Ин ҷо дар назар дошта мешавад, ки муқаррароти Конвенсия, ки мутобиқи муқаррароти дахлдори Модели Конвенсияи АЭСР дар бораи Даромад ва Сармоя таҳия шудаанд, чун қоида, бояд ҳамон маъноеро дошта бошанд, дар Эзоҳи ОЭСР муайян шудааст. Мазмуни ҷумлаи қаблӣ нисбати инҳо истифода намешавад:

a) ягон қайду шарт ё эрод нисбати ОЭСР ё Эзоҳи он аз тарафи ҳар яке аз ҳарду Тарафҳои Аҳдкунанда;

b) ҳар маънидодкунии мухолиф дар Протоколи мазкур;

c) ҳар маънидодкунии мухолиф дар шарҳу эзоҳи аз ҷониби яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда батабърасида, ки мақоми салоҳиятдори ҳокимияти яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда то эътибор пайдо кардани Конвенсия пешкаш намудааст;

d) ҳар маънидодкунии мухолифе, ки бо мақомоти салоҳиятдори ҳокимият пас аз эътибор пайдо кардани Конвенсия мувофиқа шудааст.

Эзоҳи ОЭСР, азбаски онро баъзан бо гузашти айём тағйир додан мумкин аст, худ ифодакунандаи усулҳои фаҳмондадиҳии мазмуни Конвенсияи Вена аз 23 майи соли 1969 дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ мебошад.

Барои тасдиқи ҳамин, намояндагони ҳарду Давлатҳои Аҳдкунанда, ки барои ин ваколат доранд, Протоколи мазкурро ба имзо расониданд. Протокол 7 июни соли 2011 дар шаҳри Вена бо забонҳои тоҷикӣ, немисӣ ва англисӣ, ки эътибори баробари ҳуқуқӣ доранд, ба имзо расидааст. Дар сурати ихтилофи назар ҳангоми ҷой доштани фарқият миёни матнҳо, ба матни англисӣ афзалият дода мешавад.

Протокол "7" июни соли 2011 дар шаҳри Вена бо забонҳои тоҷикӣ, немисӣ ва англисӣ, ки эътибори баробари ҳуқуқӣ доранд, ба имзо расидааст. Дар сурати ихтилофи назар ҳангоми ҷой доштани фарқият миёни матнҳо, ба матни англисӣ афзалият дода мешавад.

| **Аз ҷониби Ҷумхурии Австрия** | **Аз ҷониби Ҷумхурии Тоҷикистон** |
| --- | --- |
| Andreas Schieder m.p. | Safarali Najmuddinov m.p. |